Суратмаҷлиси №25
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-021
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 08 декабри соли 2022 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
аз 15 нафар аъзои
шуро 12 нафар

Рӯзнома:

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Кенҷаева Озодамо Убайдуллоевна дар мавзуи "Феълҳои таркибии номӣ, хусусиятҳои морфологӣ ва лексикию маъноии онҳо дар насри бадеии С. Улуғзода" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ (роҳбари илмӣ, доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Ҷумъахон Алимӣ) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

Шунида шуд:

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Хоҷаев Д. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Кенҷаева Озодамо Убайдуллоевна ба шурои диссертатсионӣ.

Баромад кард:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Ҷӯраева М. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Кенҷаева Озодамо Убайдуллоевна – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

Қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи Кенҷаева Озодамо Убайдуллоевна дар мавзуи "Феълҳои таркибии номӣ, хусусиятҳои морфологӣ ва лексикию маъноии онҳо дар насри бадеии С. Улуғзода" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ (роҳбари илмӣ,

доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Ҷумъахон Алимӣ) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Раҳмонова Наргис – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, раиси комиссияи ташхис;

- Ҳомидов Дилмурод – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи ташхис.

- Қосимов Олимҷон Ҳабибович – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, аъзои комиссияи ташхис.

Қарор карда шуд: тарафдор 12 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Хочаев Д.

Котиби шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҷӯраева М.